Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-016 дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур. (734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146).

# ТАҚРИЗ

**Ба автореферати диссертатсияи Ҳамдамзода Хурсанд Акбар дар мавзуи «Инкишофи консепсияи воридотивазкунонӣ дар соҳаи бозори маҳсулоти гӯшту шир: назария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ**

Қобили зикр аст, ки тайи солҳои охир Ҳукумати Тоҷикистон барои пешрафти фаъолияти инноватсионӣ дар мамлакат, ки ба баланд бардоштани сатҳи технологӣ ва рақобатнокии истеҳсолот, ба бозори дохиливу хориҷӣ баровардани маҳсулоти инноватсионӣ, истеҳсоли молҳои ивазкунандаи воридот, суръатбахшии рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва расидан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ мусоидат менамояд, заминаҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодиро фароҳам овардааст. Маҳз ҳамин заминагузорӣ боиси он гаштааст, ки солҳои охир новобаста аз вазъи ноустувор ва таназзули иқтисоди байналмилалӣ, дар ҷумҳурӣ рушди муътадил ва босуботи иқтисоди миллӣ таъмин карда шавад. Дар шароити кунунӣ барои расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегӣ – таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди иқтисоди миллӣ бояд тавозуни мутаносиби содирот ва воридоти молу маҳсулот таъмин карда шавад. Бинобар ин, стратегияи рушди равона ба содирот ва воридотивазкунанда яке аз муҳимтарин бахшҳои иқтисоди миллӣ ба шумор меравад.

Бо назардошти андешаҳои зикргардида ҳаминро бояд қайд намуд, ки муаллиф Ҳамдамзода Х. А. дар таҳқиқоти илмии худ кӯшиш ба харҷ додааст, ки воридотивазкуниро дар бозори гӯшт ва шир ба ҳайси бахши муҳимми ин стратегия таҳия ва пешниҳод намояд. Бинобар ин, дар рисолаи илмии мазкур масъалаи басо муҳимми муосирро баррасӣ мекунад, ки ба рушди самараноки соҳаи кишоварзӣ дар шароити кунунӣ нигаронида шудааст.

Шахсан худи муаллиф ҳангоми баррасии мубрамии мавзуи таҳқиқот қайд менамояд, ки консепсияи воридотивазкунӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳамияти стратегӣ буда, татбиқи самаранок ва саривақтии он метавонад ҳамчун омили ҳалкунанда дар таъмини амнияти озуқавории кишвар, махсусан бо маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ нақши арҷманд дошта бошад.

Дар таҳқиқоти илмии муаллиф парадигмаҳои асосии инкишофи иқтисодиёти КАС дар шароити кунунӣ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифта, ҳамзамон, назарияҳои классикӣ (Адам Смит, Дэвид Рикардо), ки ба тақсими захираҳо ва самаранокии истеҳсолот диққат медиҳанд; назарияҳои

неоклассикӣ (А. Маршалл, Л. Валрас), ки мувозинати бозорӣ ва арзиши маржиналиро таҳлил мекунанд; назарияи ҷойгиркунии истеҳсолот (И. Тюнен), ки оптимизатсияи мавқеи истеҳсолиро бо назардошти хароҷоти нақлиётӣ пешниҳод мекунад, инчунин дигар назарияҳо баррасӣ гардидаанд. Ин назарияҳо барои ташаккули стратегияҳои устувор, аз қабили кам кардани вобастагӣ ба воридот, муҳофизати муҳити зист ва истифодаи технологияҳои нав аҳамияти калон доранд. Равишҳои баррасишударо бо шароити кунунии рушди КАС муқоиса намуда, алоқамандии парадигмаҳои асосии инкишофи иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ таҳия гардидааст. (расми 2, саҳ. 18).

Инчунин, таҷрибаи хориҷии татбиқи консепсияи воридотивазкунӣ дар бахши кишоварзӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар доираи омӯзиш муаллиф маълум намудааст, ки механизмҳои ташкилии пешниҳоди имтиёзҳо, аз тарафи дигар, истифодаи васеи комёбиҳои илмӣ ва технологӣ ҷиҳати таъмини стратегияи воридотивазкунӣ нақши муҳим бозида, истифодаи шаклҳои пешқадами хоҷагидорӣ яке аз роҳҳои бартиятдошта дар ин самт ба шумор меравад. Хулосаи умумии муаллиф дар доираи омӯзиши таҷрибаи хориҷии воридотивазкунӣ дар бахши кишоварзӣ дар он асос меёбад, ки кишварҳо барои таъмини бозори дохилӣ ва рушди иқтидори содиротии соҳаи кишоварзӣ аз ҳама роҳу воситаҳо истифода мебаранд. Бо назардошти омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ тамоюлҳои сиёсати воридотивазкунӣ дар ҷаҳони муосир (расми 3. Саҳ. 20) пешкаш гардидааст.

Тибқи таҳлилҳои дар автореферат тарҳрезишуда (ҷадвали 7. саҳ. 39) дар саросари ҷумҳурӣ истеҳсоли гӯшт аз 261927 тонна дар соли 2018 ба 398028 тонна дар соли 2023 афзоиш ёфтааст, ки ин нишондиҳандаи афзоиш 52% мебошад. Дар ВМКБ истеҳсол кам шудааст (аз 10349 тонна ба 9394 тонна), ки ин камшавии тақрибан 9,2% аст. Дар Суғд афзоиши назаррас (аз 56,507 тонна ба 85,833 тонна) мешавад, ки ин афзоиш ба 51,8% баробар аст, Хатлон - 60%, НТҶ - 35,7% аст. Истеҳсоли шир дар саросари ҷумҳурӣ аз 983053 тонна дар соли 2018 ба 1118536 тонна дар соли 2023 афзоиш ёфтааст, ки ин нишондиҳандаи афзоиши 13,8% мебошад. Дар минтақаҳо: ВМКБ: истеҳсол кам шудааст (аз 21,619 тонна ба 19,129 тонна), ки ин камшавии тақрибан 11,5% аст. Аз рӯйи таҳлилҳои мазкур муаллиф зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли ширро бо навсозии фермаҳо ва истифодаи технологияи муосир, ҳамзамон, ҳаҷми истеҳсоли гӯштро дар ҷумҳурӣ, ки бо ташаббуси давлатӣ ва ҷалби сармоягузорон ба соҳаи чорводорӣ афзоиш ёфтааст, асоснок менамояд.

Дар автореферати диссертатсия мақсад, вазифаҳо, предмет, асосҳои назариявӣ ва методии тадқиқоти илмӣ ба таври равшан нишон дода шуда, мазмуни асосии кор дар муқаддима, панҷ бобҳои бо ҳамдигар алоқаманд ва хулосаву тавсияҳои тадқиқоти илмӣ пешкаш шудаанд, ки дар маҷмуъ сохтори дуруст ҳамоҳангшудаи онро ифода мекунанд. Илова бар ин, матни автореферат равон, саҳеҳ ва ошкор навишта шуда, аз ҷиҳати услубӣ ва

мазмунӣ ба стандартҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад. Тарзи пешниҳоди маълумот ва натиҷаҳо низ ба талаботи рисолаҳои илмӣ мутобиқат дорад.

Аммо дар ҳошияи автореферати диссертатсия баъзе эродҳо ҷой дорад, аз ҷумла:

1. Дар матни автореферат хатогиҳои имлоӣ, техникӣ ва истифодаи мафҳумҳои русӣ ба назар мерасад, хусусан ҳангоми таҳияи расму ҷадвалҳо ва таҳлили он.

Эродҳо хусусияти машваратӣ дошта, камбудиҳои дар боло зикршуда арзиши умумии автореферати диссертатсияро паст намекунанд ва ба натиҷаҳои асосии назариявӣ ва амалии он таъсир намерасонанд.

Илова бар ҳамаи гуфтаҳои дар боло зикргардида автореферати диссертатсияи Ҳамдамзода Хурсанд Акбар дар мавзуи «Инкишофи консепсияи воридотивазкунонӣ дар соҳаи бозори маҳсулоти гӯшту шир: назария ва амалия» ба талаботи бандҳои 31 ва 33 – и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» - и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он Ҳамдамзода Хурсанд Акбар сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мебошад.

**Муқарриз:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**мудири шуъбаи кор бо мактаббачагони**
**Академияи хурди илмҳои Тоҷикистон**
**дар назди Раёсати АМИТ** **М.И. Садриддинов**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 33, Телефон: (992) 37 221 50 83; (992) 227 71 95.

Сомонаи интернетӣ: http:// https://amit.tj; Почтаи электронӣ: sadrman_s@mail.ru

Имзои д.и.и. М.И. Садриддиновро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси АМИТ
Акрамзода Толиб

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

25.08.2025